«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, д.и.т., профессор
__________________ Назарзода Х.Х.
«_05_» ________06________ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст**

## Мубрамӣ ва зарурати гузаронидани таҳқиқот аз рӯи мавзӯи диссертатсия

Дар шароити муосир яке аз самтҳои афзалиятноки тараққиёти иқтисоди миллӣ рушди ҷараёнҳои ҳамгирoии иқтисодӣ бо назардошти таъмини амнияти сармоягузоии хориҷӣ дар асоси муайян намудану баҳисоб гирифтани омилҳои институтсионалӣ ба шумор меравад. Муваффақона ворид шудани Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳон ва иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнат самти муҳими фаъолияти хоҷагидории кишвар ба ҳисоб рафта, дар татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушд то давраи соли 2030 заминаи устувор хоҳад гузошт. Бе рушди муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ ва таҳкими муносибатҳои созандагиву мутақобилан судманд бо кишварҳои шарикони рушд ба даст овардани афзалиятҳои муосир барои Тоҷикистон ва минтақаҳои он имконнопазир мегардад.

Дар ин раванд зарурати истифодаи равиши институтсионалӣ дар таҳлили қонуниятҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар марҳилаи муосири рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ рӯйдиҳанда мубрам гардида, аз омилҳои барқароршавии иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ, дигаргуншавии таркиби институтҳои амалкардаистодаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, сармоягузорон ҳангоми интихоби объект барои сармоягузории байналмилалӣ кишварро вобаста ба сатҳи рақобатпазирӣ ва ҷолибияти он интихоб мекунанд, ки ба амнияти сармоягузории давлат таъсири зарурӣ мерасонад.

Таъмини амнияти сармоягузорӣ ҳамчун бахши таркибии амалӣ намудани маҷмӯи тамоми чорабиниҳоро дар миқёси иқтисодии кишвар

тавсиф меёбад ва мавкеи сармоягузорон ва манфиатҳои онҳоро пайгирӣ намуда, ба ивази соҳиб шудан ба захираҳои табиӣ, сармояи инсонӣ, ба даст овардани фоидаи зиёд сармоягузорӣ мекунанд, ки бар зарари манфиатҳои иқтисодии кишвари сармояворидкунанда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди рақобат ва ҷалби сармояҳои хориҷӣ пеш аз ҳама бояд омилҳои ҳавасмандкунандаи молистеҳсолкунандагони ватанӣ дар истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва коҳиш додани хароҷоти истеҳсолот нигаронида шавад. Аз ин рӯ ҳоло дар Тоҷикистон ҷалби мақсаднокӣ сармояи хориҷӣ идома ёфта, раванди такмили заминаи қонунгузорӣ ва муайяннамоии асосҳои ташкилию ҳуқуқии арзёбӣ, маҳдуднамоӣ ва пешгирии фаъолияти инҳисорию рақобати беинсофона сурат гирифта истодааст.

Аз таҷрибаи ҷалби сармояи хориҷӣ, таҳлил ва истифодаи онҳо дар шароити муосир бо назардошти баррасии таҷрибаи хориҷӣ, бар меояд, ки ҳангоми асосноккунии усулҳо ва такмили сиёсати давлатии сармоягузорӣ, таъмини шароит барои сармоягузории хориҷии бехатар вобаста ба ҷалби сармоягузориҳо дар шароити глобализатсияи муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ зарур аст. Дар баробари ин, самаранокии истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳавасмандии корхонаҳои миллӣ ба ҳамкориҳои байналмилалӣ, ворид намудани дигаргуниҳои институтсионалӣ вобаста буда, ташаккули ҳамаҷонибаи муносибатҳои бозорӣ, истифодаи усулҳои оқилонаи идоракунӣ ва роҳандозии низоми васеи робитаҳои мустақими иқтисодиро бо бозори ҷаҳонӣ дар назар дорад.

Бояд қайд намуд, ки назарияи муосири иқтисодӣ ҷанбаи муҳими таъсири мутақобилаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии сармоягузориҳои хориҷиро амалан инкор намуда, ба баландшавии назарраси хавфи ба ҳисоб нагирифтани бавуҷудоии таҳдидҳои доимӣ ба амнияти сармоягузорию имкони паст кардани онҳо ва умуман татбиқи манфиатҳои миллӣ дар ин самт вазифаи аввалиндараҷаи давлат ба ҳисоб меравад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда**

Таҳкикоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳон: б.28-Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ; Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; б.27-Амнияти иқтисодии байналмилалӣ ва миллӣ; б.27-Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти берунииқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон; б.25- Иқтисодиёти миллии мамлакатҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: масъалаҳои муносибгардонии ҳамкориҳои мутақобил ва таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ. Тазодҳои байналхалқии иқтисодӣ, сабабҳо ва тарзҳои ҳалли онҳо; б. 24 - Фаъолияти байналмилалии бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ мутобиқат мекунад.

## Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он

Муаллиф бори нахуст дар таҳия ва амали намудани роҳҳои таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, баррасии онҳоро аз ҳаҷми сармоягузориҳо ва таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодиро гузаронида, равиши консептуалиро барои муайян намудани самтҳои афзалиятноки дастгирии давлатии фаъолияти сармоягузорӣ пешниҳод намудааст.

Муқарраароти алоҳидаи рисола ба таҳия ва танзими тадбирҳои амнияти сармоягузорӣ дар заминаи сармояғузории хориҷӣ дахл дошта, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии кишвар ва рушди иқтисодии он мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар рисола зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти худ муассисаҳои давлатии масъул ба назорати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва рушди фаъолнокии сармоягузории кишвар мавриди истифода қарор диҳанд. Тавсияҳои методӣ ва амалие, ки дар диссертатсия асоснок карда шудаанд, дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва донишкадаю донишкадаҳои дигар аз фанҳои «Иқтисодиёти ҷаҳон», «Амнияти сармоягузории байналхалқӣ», «Сармоягузориҳои байналмилалӣ», инчунин, дар курсҳои махсус оид ба масъалаҳои назария ва амалияи «Сиёсати сармоягузорӣ», «Бизнеси байналхалқӣ», «Бозори байналхалқии қоғазҳои қиматнок», «Амнияти иқтисодӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ» ва «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» истифода мешаванд.

Натиҷаҳои рисола дар таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити муосир истифода шуда, бо натиҷаҳои бадастовардааш муллиф самтҳои афзалиятнок, вазифаҳо ва тадбирҳои такмили ҳамкориҳои созандагӣ асоснок намуда, дар асоси онҳо татбиқи манфиатҳои иқтисодиро аз нуқтаи назари таҷрибаи имрӯзаи пешбурди фаъолият исбот кардааст.

Аз ин рӯ, аҳамияти назариявии тадқиқот дар рушди минбаъдаи ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, назарияи муосири ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити муосири афзудани таъсири омилҳои беруна зоҳир мегардад.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои беҳтар намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии ташаккул ва рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани омилҳои институтсионалӣ ва хавфҳои муосир, татбиқи манфиатҳои иқтисодӣ дар доираи ҳавасмандгардонии рушди сармоягузориҳои судманд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар раванди таълим ва бозомӯзии кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисон дар соҳаи фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

## Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ иборат аст аз асоснок кардани муқаррароти назариявӣ ва методологӣ, инчунин муайян намудани омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар мебошад.

Натиҷаҳои асосие, ки унсурҳои навоварии илмии тадқиқотро дар бар мегиранд, аз инҳо иборатанд:

1. Асоснок карда шудааст, ки рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо, махсусан, байни давлатҳои рӯ ба тараққӣ хусусият ва шаклҳои ҷалби сармояи хориҷиро дар мамлакатҳои Осиё тавсиф мекунад. Чунин мубориза рақобатӣ пеш аз ҳама дар соҳаи тағйирёбии ниҳодҳо барои беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ дар ин кишварҳо зоҳир мешавад ва зиёдтар аз вазъи геосиёсии ҷаҳон ва минтақаи Осиё вобаста аст. Воситаҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ ва дигар имтиёзҳо, аз ҷумла, ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ин кишварҳо имконият медиҳанд. Ҳамзамон, чунин сиёсати рақобатпазир оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба тақвияти таъсири бозингарони асосии ҷаҳонии геосиёсӣ (ИМА, Итиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии мардумии Чин, Федератсияи Россия) ба кишварҳои минтақаи Осиё мусоидат мекунад.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки барои Тоҷикистон чунин вазъият ҷиҳати таъмини амнияти миллӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла, сармоягузорӣ дар давраи ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти хеле бузург дорад.

2. Таснифоти хавфҳои глобалии сармоягузорӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипҳои минтақаи таъсиррасонӣ, давомнокӣ ва андозаи таъсири онҳо, сабабҳои пайдоиш, пешгӯии натиҷаҳо ва сатҳи имконпазири таъсирашон дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки таҷрибаи моделҳои амрикоӣ, ҷопонӣ ва тайвании танзими давлатии сармоягузорӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ талаб мекунад, ки дар баробари институтҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, механизми шарикии давлату бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдкарда ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар зарур аст.

3. Баҳодиҳии нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагӣ гузаронида шуда, таҳлили муқоисавии он нисбат ба мамлакатҳои узви Бонки рушди Авруосиё ба роҳ монда шудааст. Дар диссертатсия муайян карда, шудааст, ки аз рӯйи бисёр нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои нишондиҳандаҳои пасттар, нисбат ба бисёр кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё мебошад ва ин ба мавҷудияти хавфҳои маъмурию иқтисодӣ ва асъорӣ вобаста аст, ки сармоягузори хориҷӣ дучори онҳо мегардад.

4. Ҳангоми омӯзиши вазъи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ, муаллиф модели таҳлилии регрессионӣ-корреляционириро таҳия намудааст, ки таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро вобаста ба ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодиро тавсиф мекунад. Хусусияти модел вобастагии омории ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷузъҳои таъсиркунанда ба фазои сармоягузориро дар бар гирифта, баҳисобгирии миқдории онҳо (шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ) душвор буда дар асоси арзёбиҳои коршиносони байналмилалӣ бо назардошти истифодаи маҷмӯи кулли нишондиҳандаҳо муайян карда шудааст. Дар асоси ҳисоби гузаронидашуда, муаллиф тавсия медиҳад, ки ба таркиби сиёсати сармоягузории кишвар низоми шаффофияти сармоягузорӣ ворид карда шавад, ки он фазои сармоягузории кишварро беҳтар намуда, ба воридшавии устувори сармояи хориҷиро ба кишвар имконият медиҳад.

5. Фарқи байни институтҳои дорои хусусияти нуктавӣ ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ва таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Асоснок карда шудааст, ки шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ воситаи муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин, фишанги танзимкунии давлатӣ буда ба бартараф намудани таҳдидҳои сармоягузории суроғавӣ нигаронида шудааст. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ба иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудиятҳои геоиқтисодӣ барои тавсеаи шаклҳои минтақавии сармоягузориҳои хориҷӣ хос мебошад, ки бо бунбасти ҳудудию коммуникатсионии кишвар алоқаманд аст. Имкониятҳои таҳкими амалияи шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар шаклҳои минтақаи озоди иқтисодӣ, аз қабили минтақаҳои рекреатсионӣ ва инноватсионӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ворид намудани иқтидори захиравии кишвар ба робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ нигаронида шудаанд.

6. Дар асоси коркарди модели эконометрикӣ мавҷуд будани вобастагӣ байни ҳаҷми маҳсулоти содиротии истеҳсолкардаи корхонаҳои муштаракро бо ҷалби сармояи хориҷӣ аз шумораи онҳо ва ҳаҷми сармояи ба онҳо гузошташуда муайян карда шуда, исбот карда шудааст, ки воридшавии сармояи мустақими хориҷӣ, нисбат ба қарзҳо, ки онҳо сатҳи баланди қарзи беруниро ташкил медиханд барои мамлакат хеле муфид мебошад. Дар кори диссертатсионӣ муодилаи тамоюл барои пешгӯии хаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ва хаҷми содироти ин корхонаҳо барои асоснок намудани таҳкими истифодаи иқтидори содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ҳисоб карда шудааст.

7. Ҳангоми омӯзиши фаъолияти ширкатҳои фаромиллӣ ва ҳамкории мутақобили онҳо бо иқтисодиёти Тоҷикистон, муаллиф механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузоронро дар кишвар таҳия намудааст, ки он дар худ усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди инфрасохтори сармоягузориро дар шакли минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва чораҳоро оид ба ҳифзи сармоягузорон дар бар мегирад.

8. Дар асоси таҳқиқи роҳҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, муаллиф ҳисоби дигаргуниҳои сохториро дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон анҷом дода, дар асоси он хулоса баровардааст, ки дар шароити иқтисодиёти кушод соҳаҳои саноат ва хизматрасониҳои молиявӣ бештар динамикӣ, каме сусттар, вале хеле самаранок соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва алоқа

рушд кардаанд. Самараи пасти маблағгузорӣ дар рушди соҳаҳо дар сохтмон, савдо ва хӯроки умумӣ мушоҳида карда мешавад. Дар диссертатсия иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо истифода аз модели коррелятсионие пешниҳод шудааст, ки тағйироти сохтории соҳаҳоро вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо ба назар мегирад. Ҳисобҳои анҷомдода собит намуданд, ки ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва чун натиҷа ба рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонад.

9 Барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян карда шудаанд, ки ба ин раванд таҳдид мекунанд. Ба омилҳои берунӣ равандҳои ҷаҳонишавие дохил мешаванд, ки рушди нобаробари иқтисодии кишварҳоро таҳким мебахшанд ва дар онҳо кишварҳои мутараққӣ дар мубориза барои захираҳои табиӣ ва доираи таъсир ба кишварҳои донор ба ивази сармоягузорӣ шартҳои худро мегузоранд. Омилҳои дохилӣ аз сатҳи баланди коррупсия, сарбории баланди андоз, сатҳи пасти озодии иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ, самаранокии нокифояи низоми бонкӣ дар кишвар иборатанд. Сармоягузорони берунӣ таҳлили омилҳои мазкурро мегузаронанд, зеро муҳиммияти сатҳи баланди нишондиҳандаҳо хавфи фаъолияти сармоягузориро барои онҳо афзун менамоянд.

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки муқарроти назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола коркардабаромадашуда метавонанд дар раванди такмили савдои байналмилалӣ ва сармоягузорӣ, таҳияи самтҳо оид ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистону дигар давлатҳо ва равобити байналмилалии иқтисодиро амиқ гардонад.

Пешниҳодҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳанд, ки зарурати зиёд кардани самараи сармоягузорӣ ҳамчун омили тараққиёти иқтисодиёти миллӣ беҳтар фаҳмида шавад. Инчунин, аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар имконияти татбиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-амалии таҳқиқоти чандинсолаи муаллиф аз рӯи нуктаи назари гуногуни ташаккулёбӣ ва рушди тамоми ҷанбаҳои амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавии робитаҳои хоҷагии он ва ҷалби сармояи хориҷӣ муайян карда мешавад. Аз тарафи дигар, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар татбиқи фаъолияти иқтисодии байналмилалӣ ва рушди равандҳои ҳамгироии давлатҳо муфид бошад. Татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот

имкон медиҳад, ки сиёсати сармоягузорӣ, таҳкими сиёсати тиҷоратию иқтисодӣ, инчунин, пешгирии хатарҳои муосири иқтисодӣ амалӣ шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Рисола муқаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашударо аз 413 номгӯй дар бар гирифта, он аз 428 саҳифаи чопи компютерӣ, 54 ҷадвал ва 106 расм иборат мебошад. Муқаддимаи кори диссертатсионӣ фарогири баррасии мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии тадқиқот, ҳадафи объект, мавзӯъ, масъалаҳо, усулҳо, соҳа, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарӣ, методолгӣ ва амалии таҳқиқот мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия, саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия, иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он ва интишори натиҷаҳои рисола нишон дода шудааст.

Дар боби якуми рисола “Фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ва масъалаҳои институтсионалии таъмини манфиатҳои миллии мамлакат” рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо: хусусиятҳо, институтҳо ва вазъи геосиёсӣ (С.23-55), хавфҳо, таҳдидҳо ва нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ дар хоҷагии муосири ҷаҳонӣ муайян шудаанд (С.55-76). Инчунин, дар боби мазкур масъалаҳои назариявии арзёбии шохисҳои институсионалии амнияти сармоягузории хориҷӣ дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ (С.77-106) ва нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (С.106-119) мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар боби дувуми рисола “Таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ: муносибати институтсионалӣ” масъалаҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутараққии саноатӣ (С.120-143) ва хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузариш(С.143-161) мавриди омӯзиш қарор мегирад. Инчунин, дар боби мазкур имкониятҳо ва самтҳои танзими сармоягузории хориҷӣ дар раванди ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон (С.161-187) баррасӣ мегардад.

Дар боби сеюми рисола “Бехатарии сармоягузорӣ ҳамчун зерсистемаи институтсионалии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” омӯзиши хусусиятҳои ҳамгироии институтсионалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҳаракати байналмилалии сармоя: шаклҳои суроғавӣ ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ (С.188-216) ва

амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ (С.216-315) баррасӣ шудааст. Инчунин, дар ин боб самараҳои манфӣ ва мусбат дар раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (С.235-268) муайян карда мешавад.

Дар боби чоруми рисола “Воситаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузорӣ дар раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагии ҷаҳонӣ” таҳлил шуда (С.269-324), сармоягузории хориҷӣ дар шароити маҳдуд будани имконияти ниҳодҳои молиявӣ (С.269-286), имконият ва зарурати тавсеаи ниҳоди сармоягузории хориҷӣ дар шакли минтақавӣ (С.285-296) ва инчунин, низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузорӣ (С.296-324) баҳо дода шудааст.

Дар боби панҷуми рисола “Диалектикаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян шуда (С.325-362), омилҳои институтсионалии дохилии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва баланд бардоштани имиҷи ҷолибияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (С.325-348) арзёбӣ шудаанд. Инчунин, дар ин боб омилҳои институтсионалии берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ (С.348-362) муайян карда шуда баҳо дода мешаванд.

Дар хотимаи диссертатсия муаллиф маҷмӯи тадбирҳои мушаххасеро пешниҳод кардааст, ки аз натиҷаи таҳлили вазъи муосири ҳамкориҳои судманд ҷиҳати сармоягузории хориҷӣ ва таъмини амнияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳқиқи омилҳои институтсионалии таъмин бармеоянд. Дар охир инчунин хулосаҳои асосӣ, пешниҳод ва тавсияҳои оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оварда шудаанд (С. 363-415).

### Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи назариявию амалии диссертатсия

Дар диссертатсияи тақризшаванда дастовардҳои назарраси назариявӣ, методологӣ ва амалии бадастовардаи унвонҷӯ хеле зиёд буда, барои дифои рисолаи докторӣ кофӣ мебошанд. Ҳамзамон, дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Дар боби аввали рисола фазои сармоягузории ҷаҳонӣ ва масъалаҳои институтсионалии таъмини манфиатҳои миллии мамлакат ба тариқи пурра омӯхта шудааст. Аммо дар ин боб ба масъалаҳои таъсири мутақобилаи параметрҳои асосии сармоягузории ҷаҳонӣ дар шароити рақобати озод пурра баррасӣ нашудааст. Инчунин, масъалаҳои назариявии арзёбии шохисҳои институсионалии амнияти сармоягузории хориҷӣ дар раванди байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ дар асоси муқоиса баҳо дода нашудааст.

2. Дар зербоби 1.4-и рисола дар сатҳи зарурӣ нақши сармоягузории хориҷӣ дар суръатбахшӣ ба рушди иқтисодӣ: нигоҳ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мутаассифона ҳангоми омӯзиши ин масъала на ҳама ҷабҳаҳои муайян намудани тамоюлҳои баҳодиҳии таъсири сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон муайян карда шуда натиҷагирӣ на он қадар асоснок баррасӣ шудааст.

3. Муаллиф ҳангоми тадқиқи имкониятҳо ва самтҳои танзими сармоягузории хориҷӣ дар раванди ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосӣ ба баррасии муаммоҳо ва хавфҳои мавҷуда додааст. Аммо дар диссертатсия баъзе қисматҳои баҳодиҳии хавфҳо ва таҳдидҳо ба сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва танзими давлатию баргардонидани онҳо мушаххас амалӣ нашудааст.

4. Дар боби сеюми рисола бехатарии сармоягузорӣ ҳамчун зерсистемаи институтсионалии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши хело ҷолиб қарор дода шудааст. Мутаассифона дар диссертатсия доир ба баҳодиҳии самараҳои манфӣ ва мусбат дар раванди сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобҳои мушаххас бо истифода аз амсилаҳои иқтисодию риёзӣ мавҷуд нест. Инчунин таъсири ин омилҳо ба бехатарии сармоягузорӣ пурра баҳо дода нашудааст.

4. Низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузорӣ дар зербоби 4.3-и рисола мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аммо, асосноккунии самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон дар асоси таъмини рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёту инфорасохтор пурра сурат нагирифтааст.

5. Ҷойи асосиро дар диссертатсия диалектикаи омилҳои институтсионалии дохилӣ ва берунии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ишгол менамояд. Мутаассифона дар диссертатсия ба омӯзиши омилҳои институтсионалии берунии таъмини

амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ дар асоси пурсишномаҳо диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Инчунин баъзе аз пешниҳодҳои муаллиф ба тариқи умумӣ бе пешниҳоди ҳисобҳои мухталиф ирсол шудаанд.

6. Дар диссертатсия баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва стилистикӣ ҷой доранд. Инчунин, баъзе аз муқарраротҳо ба мақсади таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии онҳо равшану аниқ карда шаванд.

Вале эродҳои гирифташуда ҳаргиз сатҳи баланди илмию назариявӣ, методологӣ ва амалии рисолаи тақризшавандаро коста намегардонанд ва бештари онҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз ин рӯ, диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мукаммали дар сатҳи баланди назариявию методологӣ ва амалӣ анҷомёфта буда, мазмуну мундариҷа, хулосаю пешниҳодот ва навгониҳои илмии он ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

## Мутобиқати автореферат ва интишороти муаллиф ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия

Мазмуни мухтасари таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ, тавсияҳои амалии таҳқиқоти тақризшаванда ба пуррагӣ дар автореферати диссертатсия ва 29 корҳои илмӣ, аз ҷумла, 3 монография ва 22 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудаанд. Дар маҷмӯъ, рисола дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва методӣ иҷро шудааст.

## Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия

Диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст, таҳқиқоти мукаммали анҷомёфта буда, унсурҳои навгонии кифояи илмӣ дорад ва дастоварди назаррасӣ илмӣ маҳсуб меёбад. Диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои докторӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 –

Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори унвони баланди илмии доктори илмҳои иктисодӣ аз рӯйи ин ихтисос мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи кафедраи фаъолияти гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон баррасӣ ва муҳокима шудааст (суратҷаласаи № 9 аз 30 майи соли 2023).

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсент, мудири кафедраи фаъолияти
гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон **Ҳикматов С.И.**

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои иктисодӣ,
профессор **Раҷабов Р.К.**

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
и.в., дотсент **Буриев Л.Ҷ.**

Имзои н.и.и., дотсент Ҳикматов С.И., д.и.и., профессор Раҷабов Р.К. ва н.и.и., и.в.дотсент Буриев Л.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

Суроғаи донишгоҳ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе; кӯчаи Деҳотӣ,1/2
Саҳифаи интернетӣ: www. ddtt.tj
Тел: +992(37)234-83-46
Факс: +992(37)234-85-46